ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи докторант Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи “Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)

Мерганзода Манучеҳри Бекназар соли 2013 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо дараҷаи бакалаври филология аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Мавсуф соли 2015 шуъбаи магистратураро бо дараҷаи магистри илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ва соли 2019 шуъбаи докторантураи ДДОТ ба номи С. Айниро бо дараҷаи доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба итмом расонида, айни замон дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба ҳайси ассистент фаъолият дорад.

Мерганзода М. Б. дар ҷараёни таълифи диссертатсия худро ба сифати докторант (PhD)-и фаъол, уҳдабаро, ҷӯянда ва огоҳ аз масоили адабиётшиносӣ, таърихи нақди адабӣ, назмшиносӣ, сабкшиносӣ ва каломи бадеъ нишон дода тавонист. Аз ин лиҳоз, бо боварии комил метавон гуфт, ки номбурда ба сифати мутахассиси соҳаи адабиётшиносӣ ташаккул ёфта, ҳамчун муҳаққиқ мустақилона аз уҳдаи анҷом додани кори илмӣ-таҳқиқотӣ баромада метавонад.

Мақсади асосии кори диссертатсионии Мерганзода М. Б. масоили баҳру авзон, қофияву радиф, мавқеи саноеи бадеӣ дар осори ғиноӣ: қасида, ғазал, қитъа, таркиббанд ва рубоиёти Адиб Собири Тирмизӣ буда, ибтикорот, интихоби баҳру авзон, навоварӣ, забон ва сабки баён, ҳунару маҳорати шоир таҳқиқ ва муайяну мушаххас гардидааст. Дар

рисола вижагиҳои ҳунарии осори шоир бар пояи усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили назарӣ ва амалӣ, таҳлили оморӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-татбиқӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия бо далелҳо асоснок буда, саҳеҳияти асосҳои назарии дар рисола пешниҳодшударо комилан дуруст ифода менамояд. Докторант аз рӯйи мавзуи рисолааш панҷ мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр намудааст, ки онҳо шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳаҷми умумии корҳои нашрнамудаи докторант аз рӯйи мавзуи рисола ба матлаб мувофиқ аст.

Навоварии таҳқиқоти Мерганзода М. Б. дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи ӯ нахустин маротиба дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масъалаи авзони қасида, ғазал, қитъа, таркиббанд, рубоӣ, қофия, радиф ва санъатҳои бадеии осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Илова бар ин, муаллиф масъалаҳои вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ, зиндагинома, нашрҳои муосири девон ва таркиби жанрии он, сохт ва устухонбандии қасида ва мамдуҳони шоирро дар қасида баррасӣ карда, мухтассоти асосии осори шоирро мушаххас намудааст. Масъалаҳои баррасишуда бо такя ба пажӯҳишҳои назарию амалии донишмандони ҳавзаҳои адабиётшиносии кишварҳои шарқию ғарбӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои аз таҳқиқи диссертатсия бадастомада ва маводи он ҷанбаҳои назарии пажӯҳиши мавриди назарро, ки ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам адабиёти муосири тоҷик паҳнои васеи ифода дорад, тақвият бахшида, дар таҳқиқоти минбаъдаи назарии илми адабиётшиносии тоҷик аҳамияти вижа дорад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба адабиёти классикӣ, адабиётшиносии муосир ва таҳқиқоти ҳамгун истифода бурд.

Гузашта аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар ҷараёни таълими фанҳои тахассусии адабиётшиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва таҳияи воситаҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ, миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти классикӣ, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода кард.

Хулоса, диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназарро кори илмии ба итмомрасидаи дорои аҳамияти назарию амалие меҳисобем, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯст. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкурро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя тавсия менамоем.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария
ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Саидов Саидраҳмон
10.06. 2022.

Имзои С. Саидовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ: Мустафозода А.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj